# САФОРАТХОНАИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО СОХТМОНИРО ДАР ОМУЗИШГОҲИ ОЛИИ САРҲАДБОНОН БА АНҶОМ МЕРАСОНАД

**Душанбе, Тоҷикистон, 28 сентябри соли 2010** - Сафири ИМА Кен Гросс, генерал майор Шерали Мирзо ва генерал майор Абдусаттор Раҷабов дар маросими ифтитоҳи тозаи омӯзишгоҳи олии сарҳадбонон дар шаҳри Душанбе бинобар ба анҷом расидани корҳои тармиму таҷдиди биноҳои маишӣ ва синфхонаҳои он ширкат варзиданд.

Бахши Сафорати ИМА оид ба назорати маводи мухадир ва ҳифзи тартиботи қонунӣ корҳои азнавсозии биноҳои омузишгоҳи олии сарҳадбонон ва муҷаҳҳазкунии онро бо мебелу таҷҳизот маблағузорӣ намуд. Кори сохтмонӣ моҳи июни соли 2009 оғоз ёфта дар ду марҳила сурат гирифт. Марҳилаи аввал, ки моҳи феврали 2010 ба охир расид, корҳои барҳамдиҳии иморатҳои кӯҳна, таъмири пурраи бинои хобгоҳ ва таъмини ҳоҷатхонаҳо ва ҳаммомҳои бинои хобгоҳ бо оби хунук ва гарм дар бар гирифт. Марҳилаи дуввум, ки аввали ин моҳ ба охир расид, сохтмони ошхонаи нав, варзишгоҳ, ҳоҷатхонаҳо, гаражҳо, дидбонгоҳи тафтиши шиносномаҳо, таъмини трансформатори нав, шабакаи нави гармкунӣ ва ободонии омӯзишгоҳро дар бар гирифт. Ошхона ва хобгоҳ низ бо таҳҷизоту ва мебел таъмин шудааст.

Сафорати Амрико ҳамкории худро бо омузишгоҳи олии сарҳадбонон давом хохад дод, то барномаҳои таълимии он ҳайати афсарони марзбони тоҷикро барои идора ва ҳифзи сарҳади Тоҷикистон омода созад.

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида омода аст дастгирии худро ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон давом диҳад. Бюҷети лоиҳаи мазкур такрибан 3,2 миллион доллари америкоиро ташкил кард. Бахши Сафорати ИМА оид ба назорати маводи мухадир ва ҳифзи тартиботи конунӣ аз соли 1992 бо макомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоқикистон дар иҷроиши лоиҳаҳои кӯмакрасон барои таъмини амнияти марзҳо, дастгирии волоияти қонун ва мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир ба маблағи умумии зиёда аз 44 миллион доллари амрикоӣ ҳамкорӣ намудааст.

\# # #